**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**
**«ДОНИШКАДАИ ТАҲСИЛОТИ БАЪДИДИПЛОМИИ КОРМАНДОНИИ СОҲАИ ТАНДУРУСТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»**

734026 Суроға: ш. Душанбе куч: И.Сомонӣ 59 тел: (372) 250-31-01, (факс) (372) 250-31-02

Аз «___»________2022 с. №____ ш. Душанбе

Ба Шуъбаи аудити дохилии
Вазорати тандурустӣ ва
ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маълумотнома**

**Оид ба рафти иҷроиши Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-августи соли 2021, №222 дар бораи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои давраи то соли 2030 ва фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2022, № 431 Дар бораи тасдиқи Нақшаи чорабиниҳои татбиқи «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022», ва фармоиши Донишкада аз 30 июни соли 2022, № 1-3/34 дар бораи тасдиқи Нақша чорабиниҳои МДТ ДТБКСТ ҶТ оид ба татбиқи стратегияи мазкур дар соли 2022**

Ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаи дохилиидоравӣ ва нақша чорабаниҳои татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия (банди 2,3), мунтазам тадбирҳо андешида мешаванд. Гурӯҳи кории таъсисдодашудаи доимамалкунанда, рафти татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 –ро дар зерсохторҳои донишкада бо санҷишу назорат ва пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ, таблиғотӣ ташвиқотӣ амалӣ менамояд.

Бо мақсади амалисозии нақша–чорабиниҳои Стратегия дар донишкада, пеш аз ҳама ба ҷобаҷогузорию қабули кормандон ба кор (банди 4,5) диққати ҷиддӣ дода мешавад. Дар давоми сол 22 нафар ба кор қабул карда шуданд ва тибқи талаботи моддаи 22 қонуни мазкур ягон қонунвайронкунӣ дида намешавад. Дар давоми сол 15 нафар кормандон бо хоҳиши худ аз кор озод карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки ба вазифа таъин кардани мудирони кафедра, асистентон, додани унвони дотсент ва профессорӣ тариқи озмун, яъне овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси Шӯрои олимони донишкада амалӣ карда мешавад. Протоколҳои комиссия, варақаҳои овоздиҳӣ ва қарори Шӯрои олимон дар дафтари кории котиби Шӯрои олимони донишкада нигоҳ дошта мешаванд. Яъне риояи талаботи моддаи 22–и

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 7 августи соли 2020 дуруст ба роҳ монда шудааст.

Вобаста ба омӯзишу фаҳмондадиҳии мухтавои «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва барномаи дохилиидоравии зиддикоррупсионӣ (банди 1) - дар дастгоҳи марказӣ, кафедраю курсҳо ва Шуъбаҳои донишкада зиёда аз 137 сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида шуд, ки дар онҳо 2252 нафар ширкат доштанд. Дар вохӯрӣ бо кормандону шунавандагон Ректори донишкада, проректорон, деканҳо ва профессорону омӯзгорони кафедраҳо оид ба ташвиқу тарғиби Стратегия, омилҳои хатарноки коррупсия ва пешгирӣ аз он, бароmаду суҳбатҳо баргузор намудаанд. Проректори донишкада Сафаров З.Ш. дар Шӯрои олимон нақшаи чорабиниҳои амалисозии «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022»-ро пешниҳод намуда қайд карданд, ки коррупсия зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ буда, омӯзиши ҷиддӣ ва мунтазам, муносибати махсуси муқобилияти маҷмӯӣ ва оперативиро талаб менамояд.

Низоми ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии омилҳои коррупсионӣ кам намудани бархурди шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ бо кормандони донишкада нисбатан ба роҳ монда шудааст. Барои осон ва фароҳам овардани шароити хуб ҳангоми қабули шунавандагон, нусхаҳои ариза ва ҳуҷҷатҳои лозимӣ дар ошёнаи якум, назди методистҳо овезон карда шуда, миз ва курсӣ мавҷуд мебошад. Ба ғайр аз ин китоби арзу шикоятҳо низ гузошта шудааст. Айни замон оиди қабули аризаи шунавандагон ягон мушкилӣ вуҷуд надорад. Дар донишкада 4 базаи назоратӣ дидбонӣ ва 48 камераи мушоҳидавӣ, аз ҷумла дар таҳхона -3, ошёнаи якум -10, дуюм -5, сеюм -11, Маркази тестӣ-3, ва 16 адад дар гирду атрофи донишкада насб карда шудааст. Сомонаи расмии донишкада фаъолият дорад (ipovszrt.tj). Телефонҳои боварӣ 250-31-01, 250-31-02

Ба ғайр аз ин (банди 6), мубодилаи иттиллотӣ бо Шуъбаи дар ш. Бохтар ва ш. Хуҷанд будаи донишкада тариқи сомонаи электронӣ (mavluda.61@mail.ru) ба роҳ монда шуда, ҳуҷҷатгузории электронӣ дар бахшҳои асосӣ, ҷараён дорад.

Ҷиҳати амалигардонии чорабиниҳо вобаста ба омузиш, дарки хавф ва пешгирии коррупсия, сиёсати зиддикоррупсионии давлат, риояи низоми хизмати давлатӣ ва одоби касбии кормандон, дар ҷаласаи Шӯрои олимон, ки 31 марти соли 2022 ва 27.05 соли 2022 доир гардид, сарнозири Саррасёсати пешгирии коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ Акбарзода Нурмаҳмад даъват карда шуда, номбурда бо ҳайати профессорону омӯзгорон ва иштироккунандагон оид ба нуқтаҳои асосии мубориза бо коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ, талаботи қонунгузории зидди корупсионии ҶТ ва хавфи оқибатҳои номатлуби коррупсия, маърӯза карда, ба саволҳои кормандон ҷавобҳои мушаххас дод.

Ҳамчунин (банди 4,7) ҳамагуна пардохтҳои пулӣ асосан ғайринақдӣ амалӣ карда шуда, фаъолияти молиявӣ, хоҷагидории донишкада, тибқи нақша аз тарафи аудити Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Палатаи ҳисоб санҷиш гузаронида мешавад. Дар ду соли охир санҷишҳои гузаронидашуда тасарруфи молу мулки давлатиро ошкор накард. Дар соли ҷорӣ фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва хоҷагидорию муҳосибии донишкада аз тарафи 5 ташкилотҳои назоратӣ мавриди санҷиш қарор дода шуд. Ҳамзамон фаъолияти иқтисодӣ –молиявии донишкада бо

пешниҳоди ҳисоботҳои 3, 6, 9 моҳа ва солона аз тарафи сармуҳосиб (Ҳусейнов Т) дар Шӯрои олимон (банди-7) муҳокима карда мешавад. Ҳароҷоти маблағҳои воридшуда, тибқи сметаи тасдиқшуда, дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла пардохти музди меҳнати кормандон, идрорпулии шунавандагон бо воситаи кортҳои БДА «Амонатбонк» пурра амалӣ карда мешаванд. Дар баробари ин ҳамасола (банди 2) аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷавӣ 43% илова ба музди меҳнат пардохт карда мешавад, ки мувофиқи қонуну санадҳои амалкунандаи молиявӣ ҷараён дорад. Аз ҳисоби камитети Иттифоқи касаба бошад ба 37 нафар кормандони ниёзманд, бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ба маблағи 19526 сомонӣ кумакпулӣ пардохта шудааст.

Баҳри ҳавасмангардонии олимони ҷавон, ба се нафар ихтироъкор, олими ҷавон, ки дар озмуни донишкада ғолиб омаданд (банди 9) дар Шӯрои олимон (моҳи август) аз тарафи роҳбарият туҳфа ва ифтихорнома супорида шуд.

Бо мақсади иҷроиши банди 8-и Нақша чорабиниҳои МДТ «ДТБКСТ ҶТ» оид ба татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия ба барномаҳои таълимии кафедраи сиҳатии ҷомеа, иқтисод ва идорооти тандурустӣ бо курси оморӣ донишкада 9-соати таълимӣ ворид карда шудааст ва дар ин давра, вобаста ба ҳамин мавзӯъ, дар кафедра 224-нафар таълим гирифтанд.

Ҳуҷҷатҳои меъёри ҳуқуқии бахши муҳосибавӣ бо талаботҳои Раёсати муҳосиботи ВТ ва ҲИА ҶТ мувофиқ гардонида шудааст. Истифодабарии маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ тибқи харҷномаи тасдиқшуда, дар ВТ ва ҲИА ҶТ ба роҳ монда шудааст. Пардохти корҳои сохтмонӣ, хариди молу маҳсулот тибқи тартибот (тендер, супоришномаи пардохтӣ тавассутӣ бонк) амалӣ карда мешавад.

Дар ҷаласаҳои ректорат ва Шӯрои олимони донишкада масъалаи таҳлили фаъолияти таълимӣ, илмӣ, табобатию тарбиявӣ ва иқтисодӣ молиявӣ мунтазам дида баромада мешавад.

Дар барномаҳои таълимии кафедра ва курсҳои донишкада, дар оянда низ, баъзе аз мавзуъҳои муқовимат ба коррупсия ба назар гирифта хоҳад шуд.

**Ректор** **Муҳиддин Н.Д.**